# Хамдиёрони азиз!

Хамасола дар саросари Точикистони сохибистиклоли мо чун дигар давлатхои мусулмонии
ч
а
х
он Иди
К
урбон
х
амчун иди а
ч
дод
й
ва садо
к
ату ме
х
рубон
й
,
ч
и
х
ати ар
ч
гузор
й
ба арзиш
х
ои башард
ӯ
стонаи дини мубини
и
слом та
ч
лил карда мешавад.
Ин рӯзи муборак барои хар як фарди мусулмон иди муътабар ва гиромӣ аст. Зиёда аз 1400 сол ин чониб хамаи мусулмонони олами ислом ин идро хамчун иди хайру саховат,

иди некию вафодорӣ, дӯстиву рафокат кайд мекунанд.

Аз ин лихоз, тамоми мадуми нохияро ба муносибати фарорасии Иди мубораки Курбон табрик намуда, тандурустиву сарбаландӣ, файзу баракати зиндагӣ ва рӯзгори нек орзумандам.

Иди Курбон аз чумлаи азизтарин маросимхои суннатии мардуми мусулмон буда, вокеан ба маромхои инсондӯстию мурувват ва сулххохиву мехрубонӣ бунёд ёфтааст. Аз баракати Истиклоли давлатӣ имрӯз мардум фаризахои асосии иди шарифи Курбонро озодона ва бемамониат адо менамоянд. Дар баробари ба чо овардани ахкоми ид ба аёдату табрикоти пайвандону наздикон, беморону пиронсолон ва зиёрати маркади гузаштагон рафтан, ба азодорон изхори хамдардӣ кардан ва мухимтар аз хама чи хеле, ки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хидоят менамоянд, ба дармондагону ниёзмандон, ашхоси камбизоат, ятимону маъюбон хайру эхсон намудан ба урфияти неки мардуми мо табдил ёфтааст. Зеро гояи асосии дини мубини ислом эхтиром кардани инсонхо ва одамият мебошад.

Пайгамбари ислом хазрати Мухаммад (с) дар як хадиси мубораки худ фармудаанд: **«Ав вал чизе, ки худованди таъоло дар тароз**
**у**
**и амал мени**
**х**
**ад, ахло**
**к**
**и нек ва саховат аст».**

Бузургони адабиёти оламшумули мо бошанд, ба даст овардани дили мӯъминонро ба хачч и акбар баробар донистаанд.

Дар арафаи иди шарифи Курбон тавофи Каъба намудан яке аз рукнхои асосии дини мубини ислом мебошад.
Х
оло беш аз 7000
нафар сокинони кишвар, ки аз ин 30 нафарашон аз но
х

ияи Зафаробод мебошанд бо нияти и
ч
рои яке аз рукн
х
ои дини мубини ислом
-
адои маноси
к
и
х
а
ч
ва зиёрати хонаи Худо ба Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара сафар карданд. Умедворем, ки онхо баъди хач бо дилу нияти пок ба Ватан баргашта, дар таргиби суннатхои неки ватандорӣ, ободии диёри хеш, одобу ахлок ва рафтори хамида сахми босазо мегузоранд.

## Бори дигар Иди саиди Курбонро ба тамоми сокинони нохия табрик гуфта, саломатӣ, бахту саодат, барори кор ва хамаи хушихои зиндагиро орзу менамоям.

**Ид муборак, хамдиёрони азиз!**